Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, ш. Душанбе, х. Борбад 48/5)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Бобомуродов Пайрав Хайриевич дар мавзуи «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит**

Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) яке аз самтҳои муҳими рушди бахши аграрӣ аз мавқеи такмили низоми идоракунӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити иқтисоди муосир, ки рақобат ва талабот ба самаранокии идоракунӣ афзоиш ёфтааст, зарурати ташкили низоми шаффоф, дақиқ ва боэътимоди баҳисобгирии муҳосибӣ беш аз пеш эҳсос мегардад. Хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун субъектҳои мустақили хоҷагидорӣ бояд фаъолияти худро дар асоси маълумоти воқеӣ ва таҳлили амиқи молиявӣ ба роҳ монанд. Аммо дар амал аксарияти чунин хоҷагиҳо бо мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ мешаванд, аз ҷумла норасоии мутахассисони соҳибихтисос, истифодаи усулҳои анъанавӣ ва нокифоя будани дониши соҳавӣ дар самти ҳисобдорӣ. Ин ҳолат боиси паст шудани сифати ҳисобот, ноаён будани натиҷаҳои молиявӣ ва душвор гардидани қабули қарорҳои идоракунӣ мегардад.

Ҳамин тавр, такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо, таъмини шаффофият ва рушди устувори иқтисодиёт мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба ин масъала яке аз шартҳои асосии пешрафти соҳаи кишоварзӣ ба шумор меравад.

Муаллифи диссертатсия мубрамии мавзӯи таҳқиқотро бо рақамҳои омори расмӣ ва далелҳои воқеӣ асосно намуда, иброз медорад, ки соҳаи кишоварзӣ яке аз муҳимтарин бахшҳои воқеии

иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ба ҳисоби миёна 61-62%-и шуғлдоштагони аҳолии кишвар ба он рост меояд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 73%-и аҳолӣ дар шароити деҳот ҳаёт ба сар мебаранд, рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ барои бартарафсозии нобаробарии иҷтимоӣ фишанги муносиб маҳсуб меёбад. Ҷиҳати баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) роҳандозии афзалиятҳои рақамӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Қайд мегардад, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки аз ибтидо барои иҷрои корҳо дар бозори истеҳсоли молӣ нигаронида шудаанд, бинобар ин, дар онҳо бе кироям қувваи корӣ, истифодаи васеи воситаҳои муосири механикунонию технологияҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ намудани низоми комили ҳисобдорӣ таъмин намудани самаранокӣ имконнопазир мебошад. Амалияи фаъолияти субъектҳои соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла хоҷагиҳои деҳқонӣ нишон медиҳад, ки рушди ин хоҷагиҳо аз низоми комили идоракунии дороиҳо, уҳдадориҳо ва амалиёти молиявию хоҷагидорӣ вобастагии зиёд дорад.

Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро маводи илмии иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ ташкил менамояд. Асосҳои методологии таҳқиқот аз усулҳои таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ, абстрактию мантиқӣ, индуктивӣ, дедуктивӣ, усули қаторҳои динамикӣ, гурӯҳбандии оморӣ, таҳлили муқоисавӣ, таҳлили омилӣ, хулосабандӣ ва дигар усулҳои таҳқиқотӣ таркиб ёфтааст.

Манбаи иттилоотии таҳқиқоти диссертатсиониро санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, фармоишҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, СБҲМ, иттилооти муҳосибот ва ҳисоботи молиявии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), маводи конференсияҳо, диссертатсияҳо, монографияҳо ва мақолаҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки таҳқиқи масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-ро фаро мегиранд, ташкил менамоянд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ, ташкили баҳисобгирӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ ва такмили баҳисобгирии муҳосибию ҳисоботи молиявиро дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» фаро мегирад.

Дар автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷиҳатҳои мусбӣ зиёданд. Аммо, дар баробари ин, автореферат аз камбудиҳо холӣ нест, ки инҳо мебошанд:

Дар автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷиҳатҳои мусбӣ зиёданд. Аммо, дар баробари ин, автореферат аз камбудиҳо холӣ нест, ки инҳо мебошанд:

1.Аз маълумоти рақамии таҳлилшудаи автореферат дар сатҳи зарурӣ хулосаю пешниҳодҳо бароварда нашудааст.

2.Механизми танзими давлатии хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки дар расми 3. (саҳ.18) оварда шудааст, дар сатҳи қаноатбахш шарҳ дода нашудааст.

Эродҳои зикршуда тавсиявӣ буда, барои такмили корҳои илмии муаллифи диссертатсия дар оянда алоқаманд аст.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Бобомуродов Пайрав Хайриевич дар мавзуи «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» ба талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, интишороти муаллиф ба мазмуни таҳқиқот мувофиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

доктори илми иқтисодӣ, профессори
кафедраи назарияи иқтисодии
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров **Исмоилов М.М.**

**Имзои д.и.и., профессор Исмоилов М.М.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" **Сайдуллозода З.С.**

**Суроға:** 735725, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи
Мавлонбеков 1.
Телефон: (992-3432) 6-52-73
Факс:(+9923422) 6-75-18
E-mail: rector@hgu.tj ; сомонаи расмӣ: www.hgu.tj.
«27» марти соли 2026